**Тақризи муқарризи расмӣ**
**ба диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Тадқиқи диссертатсионӣ дар доираи ихтисоси 1.5.34. Физиология ва ҳуҷҷати расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои биологӣ) гузаронида шуда ба талаботи бандҳои 1, 3, 5, 9 ва 12-и шиносномаи ихтисос мувофиқ мебошад:

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Ҳангоми баланд гардидани ҳарорати муҳити зист дар организми ҳайвонот талафоти об ва намакҳои минералӣ афзоиш меёбад. Ин раванд асосан дар натиҷаи зиёд шудани арақкунӣ ва тез гардидани нафаскашӣ ба амал меояд. Дар чунин ҳолат мувозинати электролитҳо дар организм халалдор шуда, дар таркиб ва хусусиятҳои хун низ тағйироти муайян ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, равандҳои мубодилаи аминокислотаҳо низ метавонанд зери таъсири ҳарорати баланд қарор гиранд. Дар шароити иқлими гарм фаъолияти системаи ҳозима ва равандҳои мубодилаи моддаҳо суст гардида, фаъолияти пурраи ферментҳо маҳдуд мешавад. Дар натиҷа ҳазм ва азхудкунии сафедаҳо ва дигар моддаҳои ғизоӣ коҳиш меёбад.

Дар ин шароит истифодаи гили бентонит метавонад дар беҳтар гардидани равандҳои ҳазм ва ҷаббиши моддаҳои ғизоӣ аҳаммияти муҳим дошта бошад. Бентонит ба муҳити рӯда таъсири мусбат расонида, барои беҳтар шудани шароити ҷаббиши моддаҳои ғизоӣ ва аминокислотаҳо мусоидат менамояд. Илова бар ин, таъмин намудани организм бо макро- ва микроэлементҳои зарурӣ, аз ҷумла калсий, фосфор, магний, руҳ, мис, селен ва дигар элементҳо, барои нигоҳ доштани фаъолияти мӯътадили ферментҳо ва гормонҳо аҳаммияти калон дорад. Ин элементҳо дар танзими равандҳои физиологию биохимиявӣ иштирок намуда, ба беҳтар шудани мубодилаи сафедаҳо, нитроген ва карбогидратҳо мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти таъсири омилҳои номбурда, омӯзиши таъсири гили бентонит ва премиксҳо ба мубодилаи нитроген, аминокислотаҳо ва минералҳо, инчунин ба фаъолияти ферментҳо аз нуқтаи назари физиологӣ аҳаммияти муҳим дорад. Гузаронидани чунин таҳқиқот барои амиқтар омӯхтани механизмҳои мутобиқшавии ҳайвонот ба шароити иқлими гарм имконият фароҳам оварда, барои таҳияи тавсияҳои илмӣ оид ба такмили ғизодиҳии физиологӣ ва баланд бардоштани самаранокии парвариши чорво заминаи зарурӣ фароҳам месозад.

Дар рафти таҷрибаҳо истифодаи оқилонаи бентонитҳои маҳаллӣ ва премикси сафедагӣ, витаминӣ ва минералии хӯрокӣ дар вояи 80 г ба ратсиони ғизодиҳии гӯсолаҳо ҳамчун омили мусоидаткунанда ба равандҳои мубодилаи моддаҳо дар организм арзёбӣ гардид. Омӯзиши таъсири ин иловаҳо ба нишондиҳандаҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва гематологӣ, инчунин ба афзоиш ва инкишофи вазни зинда ва нишондиҳандаҳои экстерерии гӯсолаҳои то шашмоҳа аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҷанбаи муҳими таҳқиқот аз он иборат аст, ки самаранокии истифодаи бентонит ва премикс на танҳо аз нуқтаи назари беҳтар намудани ҳолати физиологӣ ва равандҳои мубодилаи моддаҳо, балки аз ҷиҳати истифодаи самараноки хӯрок низ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи миқдори нисбатан ками хӯроки ширӣ, аз ҷумла 120 кг шири холис, дар якҷоягӣ бо илова намудани бентонит ба миқдори 80–100 г ва 80 г премикс, имконият медиҳад, ки вазнафзункунии гӯсолаҳо дар сатҳи мувофиқ нигоҳ дошта шуда, ҳамзамон масрафи хӯрок то 11% коҳиш дода шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи бентонит ва премикс ба беҳтар гардидани ҳазмшавии сафеда, равған ва селлюлоза, баланд шудани истифодаи азот ва беҳтар шудани азхудкунии як қатор аминокислотаҳо мусоидат менамояд. Аз ҷумла, дар натиҷаи истифодаи ин иловаҳо ҳазмшавии сафеда 3,3%, равған 6,3%, селлюлоза 7,8% ва истифодаи азот 3,3% афзоиш ёфтааст.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи диссертатсия саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ гардида, натиҷаҳои бадастомада барои рушди таҳқиқот дар соҳаи физиология ва биохимияи ҳайвонот, инчунин барои ташаккули заминаи илмии ғизодиҳии оқилона ва самараноки гӯсолаҳо аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ доранд.

**Навгониҳои илмӣ.** Навгонии илмии таҳқиқоти Каримзода М.О., пеш аз ҳама, дар муайян намудани хусусиятҳои таъсири гили бентонит ва премикси «Буққача» ба равандҳои физиологӣ ва мубодилавии организми гӯсолаҳо дар шароити иқлими гарм ифода меёбад. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шудааст, ки илова намудани бентонит дар воя 80–100 г ва 80 г премикси «Буққача» ба ратсиони хӯрокаи гӯсолаҳо ҷиҳати беҳтар шудани ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ ва истифодаи азот мусоидат намуда, дар мубодилаи аминокислотаҳои муҳим тағйироти мусбат ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла, афзоиши ҳазмшавии систеин, лизин, гистидин, аргинин, валин ва фенилаланин муайян карда шудааст.

Яке аз натиҷаҳои муҳими таҳқиқот муайян намудани таъсири мусбати бентонит ва премикс ба мубодилаи моддаҳои минералӣ мебошад. Дар

гӯсолаҳои шашмоҳа истифодаи ин иловаҳо ба беҳтар шудани ҳазмшавии равған ва клетчатка, инчунин ба тағйироти мусбат дар таҳшиншавии метионин, сулфур ва фосфор мусоидат намудааст.

Навгонии дигари таҳқиқот муайян намудани таъсири истифодаи бентонит ва премикс ба афзоишу инкишофи гӯсолаҳо мебошад. Мувофиқи натиҷаҳои бадастомада, гӯсолаҳои гуруҳи таҷрибавӣ аз рӯйи вазни зинда ва афзоиши миёнаи шабонарӯзии вазн нисбат ба ҳайвоноти гуруҳи муқоисавӣ ва назоратӣ бартарӣ доштаанд.

Муаллиф инчунин нишон медиҳад, ки истифодаи бентонит ва премикс дар шароити кам будани миқдори хӯрокҳои ширӣ метавонад барои нигоҳ доштани сатҳи зарурии вазнафзункунӣ мусоидат намуда, ҳамзамон самаранокии истифодаи хӯрокро баланд бардорад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ буда, барои амиқтар омӯхтани механизмҳои физиологии таъсири омилҳои ғизоӣ ба мубодилаи моддаҳо ва мутобиқшавии организми гӯсолаҳо дар шароити иқлими гарм аҳаммияти назаррас доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои таҳқиқоти Каримзода Марворид Олим барои васеъ намудани донишҳои мавҷуда оид ба хусусиятҳои физиологии организми гӯсолаҳо ва механизмҳои тағйирёбии равандҳои мубодилаи моддаҳо дар шароити иқлими гарм аҳаммияти назариявӣ доранд. Муаллиф таъсири истифодаи гили бентонит ва премикси «Буққача»-ро ба як қатор равандҳои муҳими мубодилавӣ, аз ҷумла мубодилаи азот, аминокислотаҳо ва моддаҳои минералӣ, инчунин ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ ва нишондиҳандаҳои афзоишу инкишофи гӯсолаҳо муайян намудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада барои такмили ғизодиҳӣ ва парвариши гӯсолаҳо дар шароити иқлими гарм истифода шуда метавонанд. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи бентонит дар вояи 80–100 г ва премикси «Буққача» дар вояи 80 г ҳангоми кам кардани миқдори хӯрокҳои ширӣ ба нигоҳ доштани суръати зарурии вазнафзункунӣ ва беҳтар гардидани пардохти хӯрок мусоидат менамояд.

Муҳимии амалии натиҷаҳо инчунин бо имконияти истифодаи онҳо дар хоҷагиҳои чорводорӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ алоқаманд мебошад. Маводи таҳқиқот метавонад ҳангоми таълими фанҳои «Биохимия», «Хӯронидани чорвои кишоварзӣ» ва «Физиологияи чорвои кишоварзӣ», инчунин дар корҳои илмӣ-тадқиқотии соҳаҳои биологӣ, зооинженерӣ, биотехнологӣ ва байторӣ истифода шавад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳои физиологӣ ва биохимиявӣ дар шароити воқеии парвариши гӯсолаҳо,

интихоби объекти мувофиқи таҳқиқот ва истифодаи усулҳои муосири таҳлилӣ таъмин гардидааст. Таҳқиқот дар гӯсолаҳои се ва шашмоҳаи зоти алои тоҷикӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои бадастомада аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҳазмшавии моддаҳои ғизоӣ, мубодилаи азот, аминокислотаҳо, моддаҳои минералӣ ва афзоишу инкишофи ҳайвонот таҳлил гардидаанд.

Натиҷаҳои миқдорӣ бо нишон доданӣ дараҷаи эътимоднокии оморӣ $P<0,05$ ва $P<0,01$ пешниҳод гардидаанд, ки ин барои арзёбии илмии фарқияти байни гурӯҳҳои таҳқиқотӣ аҳаммияти калон дорад.

Маҷмуи натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳад, ки хулосаҳои муаллиф бо маводди таҷрибавӣ асос ёфта, ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот алоқаманд мебошанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар ҳаҷми 169 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия гардида, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, боби асосҳои илмӣ-назариявии таъсири гили бентонит ва премикс ба мубодилаи моддаҳо, боби шароит, мавод ва усулҳои таҳқиқот, бобҳои натиҷаҳои таҳқиқот, муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, бахшҳои хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар диссертатсия 25 ҷадвал ва 16 расм оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда 195 номгӯй, аз ҷумла 35 манбаи ба забони англисӣ бударо дар бар мегирад.

**Дар боби якум** шарҳи адабиёт, маълумоти умумиро дар бар мегирад ва он аз 3- зербоб иборат аст, ки аҳаммияти бентонит ва премикс дар баланд бардоштани таркиби ғизоии хӯрокаҳо ва ҳамзамон нақши онҳо дар ҳазм ва ҷаббиши модаҳои ғизоӣ дар системаи ҳозимаи чорворо пурра менамояд.

**Дар боби дуюм** аз 2-зербоб иборат буда шароит, мавод ва усулҳои таҳқиқот таснифи умумии таҷрибаҳо, шароити нигоҳдории гӯсолаҳо, усулҳои истифода шуда дар рафти таҷриба, миқдор ва гуруҳбандии гӯсолаҳои дар таҷриба истифодашуда дарҷ шудааст. Дар ин боб инчунин тавсифи экологӣ – ҷуғрофии минтақае, ки дар он таҷриба гузаронида шудааст, маълумот медиҳад.

**Дар боби сеюмӣ** рисола натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯй оварда шудааст, ки он аз 12-зербоб иборат аст. Дар ин боб муаллиф доир ба озмоишҳои гузаронидашуда нишондиҳандаҳои физиологӣ, гематологӣ, газу неруии гӯсолаҳо, ки омӯзиши инфиродӣ дар робита бо таъсири иловаҳои минералии хӯрока (гили бентонити маҳаллӣ ва премикси витаминию минералии «Буқача») дар хӯрокдиҳии гӯсолаҳо то синни шашмоҳагӣ омухташударо тавсиф менамояд.

**Дар боби чорум** баррасии натиҷаҳои таҳқиқотро фарогирифта, нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок карда шуда, бо

далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои ассосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ аз натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда тартиб дода шуда ба мақсади гузошташуда ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аҳҳамияти калони илмӣ ва амалӣ доранд. Мақолаҳои нашр гардида моҳияти асосии рисолаи номзадиро инъикос мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ:** Маводи таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф метавонад дар раванди таълими фанҳои «Биохимия», «Хӯронидани чорвои кишоварзӣ» ва «Физиологияи чорвои кишоварзӣ» ҳангоми гузаронидани лексияҳо, машғулиятҳои озмоишгоҳӣ ва амалӣ дар ихтисосҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои омода намудани бакалаврҳо, магистрҳо ва доктórони PhD истифода гардад. Ҳамчунин, натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар муассисаҳои илмии самтҳои биологӣ, зооинженерӣ, биотехнологӣ ва бойторӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян гардид, ки истифодаи хӯроки комплексии иловагидор дар шароити маҳдуд будани хӯрокҳои ширӣ ба самаранокии парвариши гӯсолаҳо таъсири мусбат мерасонад. Аз ҷумла, ҳангоми ба рациони гӯсолаҳо ворид намудани 120 кг шири холис, дар якҷоягӣ бо бентонит дар вояи 80–100 г ва 80 г премикси «Буққача» дар мавсими тобистон, афзоиши вазни зинда дар сатҳи мувофиқ таъмин карда мешавад. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки чунин тарзи ғизодиҳӣ аз рӯйи самаранокӣ ба истифодаи 150 кг шири холис дар як моҳ наздик буда, ҳамзамон имконият медиҳад, ки масрафи хӯрока 11% ($P<0,01$), яъне аз 4,2 то 3,7 воҳиди хӯрока ба 1 кг афзоиши вазни зинда, кам карда шавад.

Ҳамзамон, муайян карда шуд, ки гӯсолаҳои зоти алои тоҷикӣ, ки дар гурӯҳҳои таҷрибавии I ва II ҷойгир буданд, неруи хӯрокаро барои синтези маҳсулоти ҳайвонот нисбат ба гурӯҳи назоратӣ самараноктар истифода бурдаанд. Дар байни гурӯҳҳои таҷрибавӣ низ фарқият ба назар расида, нишондиҳандаҳои беҳтар ба гурӯҳи якум тааллуқ доштанд. Илова намудани бентонит ва премикс ба рациони гӯсолаҳо боиси беҳтар шудани истеъмол ва истифодаи маводи хӯрокӣ гардида, ҳазмшавии моддаҳои ғизоии ратсионро баланд мебардорад. Дар маҷмӯъ, чунин тарзи ғизодиҳӣ ба афзоиши миёнаи шабонарӯзии вазни зиндаи гӯсолаҳо ва баланд шудани самаранокии пардохти хӯрок мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки истифодаи бентонит ва премикси «Буққача» дар шароити кам будани хӯрокҳои ширӣ

метавонад ҳамчун яке аз роҳҳои самараноки беҳтар намудани ғизодиҳӣ ва истифодаи оқилонаи маводи хӯрокӣ дар парвариши гӯсолаҳо ба ҳисоб равад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар амалияи истеҳсолӣ низ татбиқ гардидаанд. Аз ҷумла, онҳо дар хоҷагии кооперативии зотпарварии ба номи А. Юсупови шаҳри Ҳисор, фермаи ширии Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, инчунин дар як қатор хоҷагиҳои фермерии хусусии минтақаи марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмӯъ 20 кори илмӣ ба нашр расонидааст. Аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ба феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия воридгардида нашр шудаанд. Инчунин, аз рӯйи мавзуи таҳқиқот як монография ва ду дастури методӣ омода ва ба табъ расонида шудаанд. Дар корҳои нашршуда масъалаҳои муҳими марбут ба ҳазмшавии моддаҳои ғизоии ратсиони гӯсолаҳо, хусусиятҳои мубодилаи моддаҳо, суръати афзоиш ва инкишофи онҳо, инчунин тағйирёбии нишондиҳандаҳои биохимиявии хун дар шароити иқлимии водии Ҳисори Тоҷикистони марказӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар монография ва дастурҳои методии таҳияшуда, дар баробари натиҷаҳои илмии бадастомада, тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани ғизодиҳӣ ва шароити парвариши гӯсолаҳо пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия аз рӯйи муҳиммии худ, мавзуъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ натиҷаҳо оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - июли соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди дастовардҳои зиёд, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм» як қатор норасогиҳо ҷой доранд:

1. Дар рисола баъзе хатогиҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ мушоҳида мешавад.
2. Муаллиф дар саҳифаои 23, 25, 26, 29 маълумотҳои илмии дигар олимонро истифода бурдааст ин хуб аст, аммо аз чи сабаб бошад, ки ба ин сарчашмаҳои истифодашуда ишора накардааст (Яъне итибос наовардааст).
3. Дар охири бобҳои диссертатсия хулосаи мушаххаси муаллиф доир ба ин ё он масъала равшан баён наёфтааст, ки аз ин метавнист моҳият,

сохтори кори диссертатсионӣ ва арзиши илмии он бештар тақвият ёбад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, аҳамияти илмию амалии диссертатсияи мазкурро коста намегардонанд, онҳо барои беҳтар гардонидани сифати диссертатсия нигаронида шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида таҳия гардида, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардидааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримзода Марворид Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои физиологӣ ва мубодилаи моддаҳо дар организми гӯсолаҳо ҳангоми истифодаи гили бентонит ва премикс дар шароити иқлими гарм», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.34 Физиология пешниҳод шудааст, дар сатҳи хуби илмӣ ба анҷом расонида шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Омӯзгори калони кафедраи
тибби байтории Донишгоҳи
давлатии Данғара,
номзади илмҳои кишоварзӣ Тошмуҳаммадзода Садриддин Тошмуҳаммад

05 сентябри соли 2026
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25.
E-mail: esanov83@list.ru,
Тел.: (+992) 909999846; (+992) 918-813168.

Имзои Тошмуҳаммадзода С.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода Суҳроб Тоир
11.09.2026
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара,
кӯчаи Марказӣ, 25.
Тел.: (+992) 905773310.